**Ба шурои диссертатсионии 6D. КОА – 014**
**назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи: ш. Душанбе, 734067, кучаи Нахимов, 64/14**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Дембегиев Мисралӣ Сафармадович дар мавзуи «Бозори хизматрасониҳои бонкӣ: ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст.**

Масъалаҳои такмил ва ба талаботи иқтисоди бозорӣ мутобиқ намудани фаъолияти бонкҳо яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодии ҳар як кишвар ба ҳисоб меравaнд. Зеро бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва хизматҳои гуногуни дар он пешниҳодшаванда ҷузъи амалиёти анъанавии тиҷорати бонкӣ мебошанд, ки ба зиёд кардани даромади бонкҳо ва қонеъ гардонидани ниёзҳои мизоҷон, бо мақсади рушди иқтисодиёти миллӣ нигаронида шудаанд.

Дар раванди ҳамгироии иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар шароити ҷаҳонишавии фаъолияти иқтисодӣ ва афзоиши фурӯши хизматрасониҳо дар кишварҳои пешрафта, омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии хизматрасонии бонкӣ бо мақсади истифодаи он дар кишвари мо аҳамияти хосса пайдо кардааст.

Дар шароити бошиддат рушд ёфтани бозори байнибонкӣ ва рақобати шадид аз ҳар як бонк талаб карда мешавад, ки дар асоси стратегияи муайян ва устувор бо ҷорӣ намудани инноватсия дар соҳаи пешкаши хизматрасониҳои талаботи бозор амал намоянд. Дар воқеъ инноватсия ҷараёни бисёрпаҳлуи фаъолияти бонкӣ буда, дар он тамоми нишондиҳандаҳои наву афзалиятовар инъикос карда мешаванд. Дар шароити имрӯза вазъияти рақобат дар бозорҳои молиявию қарзӣ афзун гардида истодааст.

Лекин, сарфи назар аз он ки низоми бонкӣ дар баъзе қисматҳои ҷаҳон то ҳол дар оғози роҳи такмилдиҳӣ қарор дорад, дар баъзе

мамлакатҳо талабот ба хизматрасонии молиявӣ дар сатҳи паст қарор дошта, бонкҳо бо зарурияти барои ҷалби муштарӣ талош кардан дучори мушкилӣ мешаванд.

Даромади соҳаи бонкӣ бошад, аз ҳисоби инноватсия дар баъзе маврид мувофиқ бо шароити имрӯза он қадар устувор нест ва ин масъаларо унвонҷӯ ба таври мушаххас баён намудааст, ки таҳқиқоти ӯ имкониятҳои рушди бозори хизматрасониҳои бонкиро васеъ мегардонад. Дар автореферати унвонҷӯ камбудиҳои ҷиддӣ ё норасоиҳо мантиқӣ дида намешавад. Аз ин хотир унвоҷӯ қобили дастгирӣ мебошад.

Автореферати диссертатсияи Дембегиев Мисралӣ Сафармадович дар мавзуи «Бозори хизматрасониҳои бонкӣ: ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Муовини сардори раёсати таҳсилоти
олии касбӣ ва баъдидипломии Вазорати маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои иқтисодӣ Исвализода С.Ҷ.

Дурустии имзои Исвализода С.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Ҳ.